# Tajik state university of commerce

**Course:** **Main directions for the development of human capital in the context of the digital economy in the Republic of Tajikistan**

**Week: 1.**

## THE EVOLUTION OF HUMAN CAPITAL THEORY AND ITS ECONOMIC SIGNIFICANCE

**Rustamzoda Fitrat Muzafar**

***Lecturer of:*** **The evolution of human capital theory and its economic significance**

# Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Номи курс: Самтҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**




## Мавзӯъи: 1.

Таҳаввулоти назарияи сармояи инсонӣ ва аҳаммияти иқтисодии он

*Рустамзода Фитрат Музафар*

# НАҚШАИ ЛЕКСИЯ

**1. Муқаддима**

1.1. Мақсад ва моҳияти асосии сармояи инсонӣ

1.2. Принсипҳо ва махсусиятҳои сармояи инсонӣ

1.3. Ҳадафҳо ва мақсади сармояи инсонӣ ва аҳамияти он дар иқтисодиёт

**2. Хулоса**

Ҷамъбасти мавзуъ.

## **Мақсади лексия:**

омӯзиши мафҳум, принсипу махсусиятҳо, намудҳои сармояи инсонӣ, инчунин мушаххассозии объект ва субъекти фаъолияти сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёт.

# Мақсад ва моҳияти асосии сармояи инсонӣ

Дар пешрафту тараққиёти дилхоҳ иқтисоди миллӣ рушди сармояи инсонӣ ҳамеша нақши калидӣ дорад. Дар натиҷаи пешрафти илму техника дар марҳилаи нави рушди иқтисодӣ, яъне дар марҳалаи пас саноатии рушд ҷорисозии босуръати инноватсияҳо ва технологияҳои рақамию рамзӣ ва мутобиқан иқтисоди донишҳо ва ҷомеаи иттилоотӣ ба вуқӯъ омада истодааст, ки дар он сармояи инсонӣ, бунёди иқтисодӣ, донишҳо ва тавонмандии ҳунарӣ, қобилияту истеъдоди созандагии инсон омили асосӣ ба ҳисоб меравад.

## Мақсад ва моҳияти асосии сармояи инсонӣ

Аз рӯйи нуктаи назари илмию методологӣ мафҳуми «сармояи инсонӣ» бо категорияҳои «нерӯи корӣ», «захираҳои меҳнатӣ», «иқтидори меҳнатӣ», робитаи наздик дошта, дар асарҳо, монографияву мақолаҳои илмии бисёр олимони ватанию хориҷӣ ба таври гуногун баррасӣ гаштаанд. Аз ҷумла, сармояи инсонӣ ҳамчун маҷмӯи донишҳо, маҳорату таҷрибаҳоест, ки барои таъмини талаботи гуногуншакли инсон ва ҷомеаро дар маҷмӯъ истифода мегардад.

## Мақсад ва моҳияти асосии сармояи инсонӣ

Бояд зикр кард, ки рушди мафҳум ва мундаричаи категорияи «нерӯи корӣ» дар корҳои илмии олимони зиёди хориҷӣ, аз ҷумла К.Маркс, К.Р.Мак-Коннелли, С.Л.Брю ва дигарон мавриди баррасӣ ва тадқиқоти илмӣ қарор гирифтааст. Дар таҳқиқоти илмии олимони хориҷӣ П.Е. Шлендер, Т.А. Дмитренко мафҳуми «захираҳои меҳнатӣ», В.Г. Костаков, В. Осовская, А.В. Крушелнитская масъалаҳои «иқтидори меҳнатӣ» ва дар корҳои илмии Г.Беккер, Т.Шултс, Р.И.Капелюшнико, С.А.Курганский, А.П.Дудар мафҳуми «сармояи инсонӣ» баррасӣ шудааст.

## Мақсад ва моҳияти асосии сармояи инсонӣ

Ҳамин тариқ, дар адабиёти илмии иқтисодӣ мафҳуми нерӯи корӣ ба таври гуногун шарҳ дода мешавад ва то ҳанӯз ягонагии фаҳмиши илмӣ дар ин хусус мавҷуд намебошад.

Ба андешаи мо, нерӯи корӣ – ин қобилияти меҳнатию эҷодии одамон мебошад, ки дар ҷараёни истеҳсоли неъматҳои моддию маишӣ ва кору хизматрасониҳо васеъ истифода хоҳад шуд.

## Мақсад ва моҳияти асосии сармояи инсонӣ

Вале на ҳамаи нерӯи кории мавҷуда, ки захираҳои меҳнатӣ ба ҳисоб мераванд, дар дилхоҳ иқтисоди миллӣ самаранок истифода мегардад ва таъминоти нерӯи кории мавҷуда ба ҷойҳои корӣ дар асосии сиёсати давлатӣ мавриди чораҷӯии доимӣ қарор дорад.

# Мақсад ва моҳияти асосии сармояи инсонӣ

Мувофиқи адабиёти илмии иқтисодӣ мафҳуми захираҳои меҳнатӣ аввалин маротиба ба гардиши илмӣ соли 1922 аз ҷониби академик С.Струмлин ворид гардида, зимни банақшагириҳо ва баҳисобгирии қувваҳои қобили меҳнат истифода мегардад. Яъне, захираҳои меҳнатӣ мафҳуми нақшаю баҳисобгирӣ буда, қисми аҳолии дар сину соли меҳнатӣ қарор доштаро мефаҳмонад[1].

1. Афанасьевна И.В., Волков И.В. Некторые подходы к определению понятия “Трудовые ресурсы” // Нижегородский государственный инженерно Экономический университет Россия. – Вестник НГИЭИ, 2015.- С.1

## Мақсад ва моҳияти асосии сармояи инсонӣ

Ҳамин тавр, метавон хулоса намуд, ки дар адабиёти иқтисодӣ ба мафҳуми «захираҳои меҳнатӣ» аз рӯйи ду нуқтаи назар таъриф дода шудааст:

якум – ҳамчун нишондиҳандаи нақшавӣ - баҳисобгирӣ;

дуюм – ҳамчун категорияи иқтисодӣ, ки маҷмӯи одамонро бо қобилияти меҳнатиашон дарбар мегирад.

# Мақсад ва моҳияти асосии сармояи инсонӣ

Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун нишондиҳандаи нақшавӣ-баҳисобгирии аҳолии синну соли қобилияти меҳнатидошта, ки ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ машғул мебошанд ва муваққатан бекоранд. Қисми дигари захираҳои меҳнатиро бошад, аҳолии синну солашон аз синну соли қобили меҳнат калон ва ё хурд, ки дар истеҳсолот машғуланд, ташкил медиҳанд.

# Мақсад ва моҳияти асосии сармояи инсонӣ

Мақсад аз ин амалҳо барпо намудан ва рушди ҳамкории судманд бо давлатҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқию воқеии онҳо ва ташкилотҳои байналмилаллӣ мебошад. Дар маҷмӯъ, самти фаъолияти иқтисоди беруна идомаи мантиқии фаъолияти иқтисоди дохилӣ ба шумор меравад.

# Мақсад ва моҳияти асосии сармояи инсонӣ

Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ - ин миқдори аҳолие мебошад, ки қобилияти ҷисмонӣ ва зеҳнии машғул шудан ба фаъолияти меҳнатиро вобаста ба шароити такрористеҳсоли нерӯи корӣ доранд.

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки дар баробари ҷанбаҳои назариявию амалии рушди илми иқтисод, вазъи иқтисодиву иҷтимоӣ ва ташаккули иқтисодиёти институтсионалӣ, нуқтаҳои назари нав оид ба таъсири омилҳои инсонӣ ба истеҳсолот бештар шудааст.

# Мақсад ва моҳияти асосии сармояи инсонӣ

Дар натиҷа мафҳуми «иқтидори меҳнатӣ» ба миён омад. Ҳамин тавр, аз солҳои 70-уми асри xx сар карда дар корҳои бисёр мутахассисону олимони соҳаи иқтисод мафҳуми «иқтидори меҳнатӣ» мавриди истифода ва таҳлил қарор гирифтааст.

# Мақсад ва моҳияти асосии сармояи инсонӣ

Дар аввал мафҳуми «иқтидори меҳнатӣ» ҳамчун муродифи калимаи «захираи меҳнатӣ» истифода мешуд. Яке аз кӯшишҳои нахустин нисбати ҷудо намудани ин мафҳумҳо аз ҷониби В.Г. Костаков пешниҳод шудааст.

Ба андешаи мо, ин мафҳум бисёр васеъ буда, на танҳо шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат, балки хусусиятҳои таҳсилотӣ ва тахассусии онҳоро инъикос менамояд.

Дар иқтисодиёти муосир сармояи инсонӣ омили муҳими ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегии рушд, ҷорисозии инноватсияҳо ба истеҳсолот, коркарди ҳарчи бештари ашёи хом ва тавлиди арзиши изофашуда мусоидат менамояд.

# Мақсад ва моҳияти асосии сармояи инсонӣ

Дар ин ҷода, истифодаи ҳамаҷонибаи захираҳои инсонӣ дар заминаи азбарсозии донишҳо имкон медиҳад, ки рақобатпазирии иқтисоди миллӣ комилан таъмин карда шавад.

Тавре ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-юми декабри соли 2017 оид ба сармояи инсонӣ барҳақ қайд намудаанд: «Сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва бинобар ин, илми муосири ватанӣ бояд ҷавононро бештар ба илмомӯзӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ сафарбар намояд»[1].

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон
ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
22.12.2017, шаҳри Душанбе. http:
//www.prezident.tj/node/16771.

# Мақсад ва моҳияти асосии сармояи инсонӣ

Рушди консепсияи сармояи инсонӣ дар асарҳои асосгузорони назарияи классикии иқтисодӣ В.Петти, А.Смит, Д.Рикардо пешниҳод гардида, онҳо сармояи асосии истеҳсолоти ҷамъиятиро мавриди омӯзиш қарор додаанд ва доир ба аҳамияти қувваи корӣ, қобилияти инсон, таҳсилоти он дар афзоишёбӣ ва рушди иқтисодиёти давлат ва аҳолии он фикру ақидаҳои хешро пешниҳод намудаанд.

Дар илми иқтисодӣ сармояи инсонӣ ҳамеша мавқеи аввалро ишғол менамояд. Яъне, бо хислатҳои эъҷодӣ, қобилият ва қувваҳое, ки бо ёрии он худ ва атрофиёнро такмил медиҳад.

# Мақсад ва моҳияти асосии сармояи инсонӣ

Консепсияи пешниҳоднамудаи Т. Шулс оид ба сармояи инсонӣ ва самаранок истифодабарии он аз нуқтаҳои муҳим иборат мебошад, ки онро метавон тавзеҳ дод (расми 1.).

Олими мазкур консепсияи таҳиянамудаашро хеле ба маврид сохторбандӣ намудааст. Мо ба пешниҳоди Т.Шулс ҳамфикр буда, онро ҳамчун сохтори комил қабул дорем, вале ба назари мо онро ҳам тибқи талаботи давру замон метавон такмил дод.

Зеро пешрафти илму техника, рушди иқтисоди рақамӣ ва иқтисоди инноватсионӣ тарбия ва омодасозии инсони рақамиро тақозо дошта, саросар саводноксозии ҷомеа талаботи замони муосир мебошад.

# Мақсад ва моҳияти асосии сармояи инсонӣ




**Расми 1. Консепсияи Т. Шулс**

***Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқоти илмӣ.***

# Мақсад ва моҳияти асосии сармояи инсонӣ

Дар заминаи таҳлилу хулосабарории нуктаи назари адабиёти илмии зикршуда мафҳуми сармояи инсониро метавон ҳам дар шакли кӯтоҳ ва васеъ шарҳ дод.

Ба андешаи мо, дар шакли кӯтоҳ, аввалин қадами ташаккулёбии сармояи инсониро метавон таҳсилот шуморид.

# Мақсад ва моҳияти асосии сармояи инсонӣ

Дар мафҳуми васеъ сармояи инсонӣ тавассути сармоягузорӣ (дарозмуҳлати сармоягузорӣ) барои ҳар як шахси муайян дар намуди хароҷот барои таҳсили дар боғчаву мактаби миёна, мактаби олӣ, варзишу тандурустӣ, бозомӯзӣ ва омода намудани корманд дар корхона, инчунин тарбияи ватандӯстиву касбият ба даст оварда мешавад.

# Принсипҳо ва махсусиятҳои сармояи инсонӣ

Зеро яке аз қисматҳои камолоти инсон таҳсилот ба шумор рафта, сармоягузорӣ ба он имкон медиҳад, ки дар замири инсон донишу маҳорат ва қобилият пайдо карда шавад ва он манбаи даромад ва қаноатмандиро дар оянда ташкил медиҳад.

Маврид ба зикр аст, ки сармояи инсонӣ дар асоси омилҳои таъсиргузор ва заминаҳои таркибӣ, аз ҷумла сатҳи рушди ҷомеа, вазъи иҷтимоиву шароити зиндагӣ рушд мекунад. Бинобар ин, асос ва пояи рушди иқтисод аз чигунагии ҳолати рушди нерӯи инсонӣ ва моликияти зеҳнӣ вобастагии зиёд дорад, ки он дар шакли сармояи инсонӣ ташаккул ва такмил меёбад.

# Принсипҳо ва махсусиятҳои сармояи инсонӣ

Ба андешаи мо, аз нуқтаи назари муносибатҳои ичтимоию иқтисодӣ сармояи инсонӣ омили муайянкунандаи сатҳи рушди истеҳсолоту хизматрасониҳо буда, дар давраи муайяни ҳаётии инсон ташаккулёфта ва вобаста ба объекти истифода муҳлати хосро доро мебошад.

Бисёр олимони соҳаи иқтисодӣ, сохти сармояи нисониро ба принсипи харочот, дар асоси намудҳои гуногунрангӣ сармоягузорӣ дар сармояи инсонӣ мешуморанд.

Ҳамин тавр Илински И.В., чунин қайд намудааст: сармоя ин саломатӣ, фарҳанг ва маориф мебошад.

# Принсипҳо ва махсусиятҳои сармояи инсонӣ

Агар ба сармояи инсонӣ аз рӯи дараҷаи умуминокӣ назар намоем, пас бо назардошти равишҳои хос дар сохтори он метавон шаклҳои гуногун ба монанди инфиродӣ, коллективӣ ва ҷамъиятиро ҷудо намуд.

Аз рӯи гурӯҳбанди инфиродӣ ва коллективӣ дар сатҳи микро, ҳамчун сармояи инсонӣ аз одамони алоҳидаи гурӯҳ иборат мебошад: гурӯҳи ширкат ва аъзоёни гурӯҳҳои ичтимоию фарҳангӣ ва ғайраҳо.

Дар тадқиқотҳои Ю.Г. Биченко аз ҳама бештар ба муайянкунандаи сармояи инсониро дидан мумкин аст. Ба андешаи ӯ сармояи инсониро метавон ба ду қисм ҷудо намуд:

# Принсипҳо ва махсусиятҳои сармояи инсонӣ

- Сармояи инсонии биологӣ (сатҳи саломатии аҳолӣ), ки дар навбати худ ба 2 қисм тақсим мешавад: ирсӣ ва бадастомада.
- Сармояи инсонии фарҳангӣ, ки аз салоҳияти забонӣ ва фарҳангии шахс, сарват дар шакли дониш ё ақида (маҷмӯи сифатҳои ахлоқӣ, маҳорат, қобилият ва қобилияти зеҳнӣ) иборат аст.

# Принсипҳо ва махсусиятҳои сармояи инсонӣ

Бояд зикр намуд, ки дар шароити муосир яке аз ҷанбаҳои муҳимтарин дар назария ва амалияи фаъолияти ташкилот сармояи инсонӣ ба шумор рафта, бидуни он ягон ташкилот наметавонад арзи ҳастӣ намояд. Маврид ба зикр аст, ки сармояи инсонӣ ва раванди идоракунии он аз ҷузъу таркибҳои гуногун иборатанд.

# Принсипҳо ва махсусиятҳои сармояи инсонӣ

Дар асоси нуқтаи назари олимону муҳаққиқони гуногун метавон хулоса намуд, ки сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ ҳамчун муҳимтарин намуди сармоягузорӣ ва омили калидии аввалан аз нодориву факр раҳо ёфтани инсон ва дар маҷмуъ рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ба ҳисоб рафта, аз нигоҳи мо, идоракунии сармояи инсонӣ дар шакли зерин ба манфиати дарозмуддати корхонаву ташкилот хизмат хоҳад намуд.

# Принсипҳо ва махсусиятҳои сармояи инсонӣ

Бояд қайд кард, ки андешаи мо метавонад баҳсбарагез бошад, вале мо ба нуқтаи назари хеш устуворем, чунки ҳавасмандгардонӣ яке аз функсияҳои идоракунӣ мебошад. Аз ин сабаб, ташаккул ва ё такмили сармояи инсонӣ аз механизми ҳавасмандгардонӣ вобастагии зиёд дорад.

# Принсипҳо ва махсусиятҳои сармояи инсонӣ




**Расми 3. Идоракунии сармояи инсонӣ**

***Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқоти илмӣ.***

## Принсипҳо ва махсусиятҳои сармояи инсонӣ

Таҳлили адабиёти илмии иқтисодӣ нишон медиҳад, ки бо вуҷуди омӯзиши васеи назария ва амалияи сармояи инсонӣ аз ҷониби олимони ватаниву хориҷӣ то ҳанӯз ягонагии равишҳо оид ба мафҳуми сармояи инсонӣ мавҷуд набуда, равишҳои мухталиф арзи ҳастӣ доранд.

Дар ин ҷода метавон зикр намуд, ки барои дуруст ташаккул додани сармояи инсонӣ, ташкилот бояд ба се принсипи асосӣ, ки аз стратегияи идоракунии сармояи инсони сарчашма мегирад, аҳамияти хоса зоҳир намояд.

# Принсипҳо ва махсусиятҳои сармояи инсонӣ

1.Ҷалб намудани мутахассисони баландихтисос, ё тайёр намудани кормандони хеш дар сатҳи баланд дар доираи самти зарурӣ;

2. Барои хуб ташаккул ёфтани ташкилот ва нигоҳ доштани мутахассисони баландихтисос, муҳайё намудани шароити хуби корӣ дар ташкилот мебошад;

3. Дар маҷмӯъ такмил додани идоракунии қобилияти кадрӣ зарур аст.

Яке аз бузургтарин афзалиятҳои идоракунии захираҳои инсонӣ виртуализатсияи ин соҳа аст. Бо афзоиши мунтазами технологияҳои иттилоотӣ, ташкилотҳо усулҳои пешрафтаи идоракунии қувваи корӣ дар ташкилот пайдо мекунанд.

# Принсипҳо ва махсусиятҳои сармояи инсонӣ

Ташкилотҳо таҷрибаи пешқадамро ба кор мебаранд, дар идоракунии сармояи инсонӣ, ки боиси беҳтар намудани ташкилот мегардад, якчанд бандҳоро дар бар мегирад:

- Кафолати кор;
- Баланд бардоштани маҳорати касбӣ;
- Мубодилаи маълумот;
- Баланд шудани музди меҳнат.

Барои идоракунии сармояи инсонӣ маҷмӯи пурраи хусусиятҳои онро дониста зарур аст. Инчунин, қайд намудан муҳим аст, ки барои дуруст баҳо додан ба онҳо хело мушкил аст.

# Принсипҳо ва махсусиятҳои сармояи инсонӣ

Ба андешаи мо, таърифи дода шудаи А,П,Дудар, Р.И. Капелюшнико, С.А. Курганский ва Р.М. Нуриев бисёр ба маврид шуморида мешавад ва мо ба таърифи дода шудаи онҳо рози ҳастем, зеро рушди мафҳуми «сармояи инсонӣ» сарчашмаи худро аз пайдоиши аввалин донишҳо ва мувофиқан истифодаи неруи кории одамон гирифта, бо мурури замон шакл ва аҳамияти хосаи худро дар пешрафти ҳаёти ҷамъиятӣ пайдо намудааст.

# Принсипҳо ва махсусиятҳои сармояи инсонӣ

Ҳамин тариқ, сармояи инсонӣ дар ташкилот ҷойи махсусро доро мебошад, ки ин маънои онро дорад, ки таҳлил ва баҳодиҳии дуруст ба кормандон шарти муҳимтарини роҳбарии муваффақи ҳар як ташкилот мебошад. Бе сармоягузорӣ ба корманд, расонидани фоида ба ташкилот ғайриимкон аст.

## Ҳадафҳо ва мақсади сармояи инсонӣ ва аҳамияти он дар иқтисодиёт

Рушди сармояи инсонӣ дар асарҳои олимони форсу тоҷик, ки дар замонҳои гуногун зиндагӣ намудаанд, яке аз масъалаҳои асосӣ ба шумор рафта, онҳо оид ба ин масъала, фикру ақидаҳои хешро манзур намудаанд. Аз ҷумла, Ал-форобӣ, Абӯалӣ ибн Сино, Ҷалолиддини Румӣ, Имом Ғаззолӣ ва дигарон оид ба рушди ҷомеаи инсонӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум асарҳо таълиф намуданд.

Дар асарҳои хеш онҳо вобаста ба қобилияту эъҷод ва қувваҳои меҳнатии одамон, малакаҳои донишу маҳорат ва сатҳи маълумотнокӣ диққати махсус зоҳир намудаанд.

## Ҳадафҳо ва мақсади сармояи инсонӣ ва аҳамияти он дар иқтисодиёт

Ба андешаи мо, баъди омӯхтани таҳқиқотҳои илмии олимони классик ва неоклассик тамоюлҳои зерин муайян гардидаанд: агар классикон ва неоклассикони илми иқтисодӣ (А. Смит, А. Маршалл, Г. Беккер, Т. Шулс, К. Маркс, И. Фишер ва ғайра) бештар ба таҳлили сармояи инсонӣ тавассути баҳодиҳии иқтисодии қобилиятҳои инсонро дар бар мегирифт, таҳқиқоти бештар анҷом дода будаанд.

## Ҳадафҳо ва мақсади сармояи инсонӣ ва аҳамияти он дар иқтисодиёт

Олимони муосир бошад, дар тафсири сармояи инсонӣ ба такрористеҳсоли қувваи кории баландсифат, ки бо сармоягузории мувофиқ (сармоягузориҳо), пеш аз ҳама ба соҳаи маориф, бо мақсади баланд бардоштани бозгашти истеҳсолии он ба ҷомеа бештар таваҷҷӯҳ зоҳир менамоянд.

# Ҳадафҳо ва мақсади сармояи инсонӣ ва аҳамияти он дар иқтисодиёт

Сармояи инсонӣ нерӯ ё қувваест, ки баҳри рушди иқтисодиёти миллӣ ва татбиқи стратегия нақши калидиро доро мебошад.

Сармояи инсонӣ захираи асосии истеҳсолии дар ихтиёри корхона буда, барои афзун намудани дороиҳо ва таъмини фаъолияти самарабахш хизмат менамояд. Сармояи инсонӣ маҷмӯи донишу салоҳиятҳо, сифатҳою арзишҳо, истеъдоду қобилиятҳое, ки дороию сарватмандии инсонро метавонад дучанд намояд, агар онҳоро баҳри манфиатбахши ҷомеа ва тафаккури шахсӣ сафарбар гардида бошад.

# Ҳадафҳо ва мақсади сармояи инсонӣ ва аҳамияти он дар иқтисодиёт

Ҳадафҳо ва мақсадҳои сармояи инсонӣ:

Ҳадафҳо

- Баланд бардоштани самаранокии меҳнат;
- Фароҳамсозии рушд ва навоварӣ дар иқтисодиёт;
- Таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ;
- Таъмини имкониятҳои баробари иқтисодӣ ва иҷтимоӣ.

# Ҳадафҳо ва мақсади сармояи инсонӣ ва аҳамияти он дар иқтисодиёт

Ба мақсадҳои асосии рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодӣ дохил мегарданд:

- Сармоягузорӣ ба соҳаҳои маориф ва тандурустӣ;
- Инкишофи қобилиятҳои коргарон ва мутахассисон;
- Ба вуҷуд овардани муҳити мусоид барои омӯзиши пайваста;
- Ба иқтисоди дониши баланд расидан.

# Ҳадафҳо ва мақсади сармояи инсонӣ ва аҳамияти он дар иктисодиёт

Менеҷменти асри XX ба нерӯи корхона ва сармояву дороиҳо умед мебаст, менеҷменти асри XX1 бошад ба нерӯи инсонӣ ба хусус сармояи инсонӣ натиҷабахшии фаъолиятро алоқаманд медонад. Сарчашмаи ташаккул ва такмили сармояи инсонӣ ба моликияти ақлонӣ, зеҳни сунъӣ, инсони рақамӣ, қобилияти соҳибкорӣ, салоҳияту касбият ва санъату маҳорати омили инсонӣ робитаи зич дорад.

## Ҳадафҳо ва мақсади сармояи инсонӣ ва аҳамияти он дар иқтисодиёт

Ба ақидаи мо дониш хусусияти меҳнати илмӣ ва фикрие мебошад, ки ба туфайли он шуур ва эҳтиёҷоти одам тағйир ёфта, ҳаёти ӯ рангин мегардад. Дар асоси ин хулоса баровардан мумкин аст, ки ягонагӣ дар сармояи инсонӣ қобилияти кор ва истеъмоли шахсро нишон медиҳад.

## Ҳадафҳо ва мақсади сармояи инсонӣ ва аҳамияти он дар иқтисодиёт

Аз ин лиҳоз, ба андешаи мо, сармояи инсонӣ бояд ҳамеша дар ҷомеа мавқею манзалати арзишмандро соҳиб бошад ва дар ташаккули инсон ва рушди касбияти он чӣ қадар сармоягузорӣ ва таваҷҷӯҳ зиёд бошад ҳам, он ҳоло кам аст.

Зеро асри XX1 бо дарназардошти рушди технологияи рақамӣ ва мутобиқан зарурати омодасозии мутахассисону барномасозон ба асри сармояи инсонӣ табдил ёфтааст ва иқтисодиёти аксари мамлакатҳо низ аз сармояи инсонӣ вобаста мебошанд. Зеро аҳамияти сармояи инсонӣ дар иқтисодиёт нақши калидиро иҷро менамояд:

# Ҳадафҳо ва мақсади сармояи инсонӣ ва аҳамияти он дар иқтисодиёт

- Баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат;
- Таъмини рақобатпазирии иқтисоди миллӣ;
- Рушд ва ташаккули соҳаҳои нав дар иқтисодиёт;
- Коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ;
- Таъмини рушди устувори иқтисодӣ.

Қайд намудан зарур аст, ки дар “Стратегии миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” рушди сармояи инсонӣ аз авлавияти муҳимтарин эълон шудааст.

# Ҳадафҳо ва мақсади сармояи инсонӣ ва аҳамияти он дар иқтисодиёт

Афзалиятҳои рушди сармояи инсонӣ ба таври мушаххас дарҷ гардидааст, ки аз инҳо иборат мебошанд:

- Ислоҳоти низоми маориф ва илм;
- Таъмини солимии аҳолӣ дар чорчӯбаи сатҳу сифати зиндагӣ;
- Таҳкими ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;
- Баланд бардоштани арзишҳои фарҳангии рафтори меҳнатӣ;
- Ташаккули муҳит ва шароити мусоид барои зиндагӣ;
- Коҳишдиҳии нобаробарии иҷтимоӣ

# Ҳадафҳо ва мақсади сармояи инсонӣ ва аҳамияти он дар иқтисодиёт

Ҳамин тариқ, сармояи инсонӣ ва моҳияти он дар асоси гуногунрангии падидаи иҷтимоию иқтисодӣ ҳамчун захираҳои инсонӣ, қувваи умумии меҳнатии муосир бо маълумот, дониш, таҷриба, қобилият, эҷодкорӣ, маҳорат ва зеҳну шуур, ки ба баланд шудани ҳосилнокии меҳнат мусоидат намуда, манбаи даромади оянда мебошанд, муайян карда мешавад.

# Ҳадафҳо ва мақсади сармояи инсонӣ ва аҳамияти он дар иқтисодиёт

Дар асоси таҳқиқ ва омӯзиши ақидаҳои болозикр метавон хулоса кард, ки таҳаввулоти сармояи инсонӣ инқилоби таърихии худро таҷассум менамояд ва то ҳанӯз дар ҳолати омӯзиш ва рушд қарор дорад. Зеро инсон мавҷудоти асрорангез мебошад ва паҳлӯҳои назариявию методии фаъолияти онро бо як кӯшиш ё ташаббус наметавон ифшо намуд.

# Хулоса:

Сармояи инсонӣ сармоягузорӣ ба оянда аст. Бо беҳтар намудани сатҳи таҳсил, тандурустӣ ва омӯзиши мардум, на танҳо сатҳи зиндагии шахс беҳтар мегардад, балки иқтисоди тамоми ҷомеа рушд ва ташаккул мекунад. Бинобар ин, мамлакатҳо бояд сиёсати муассири сармоягузорӣ ба инсонро дар пеш гиранд, зеро инсони босавод ва солим - сарвати бузургтарини ҳар миллат ва давлат ба ҳисоб меравад.

# Адабиёт:


1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 22.12.2017.

2. Афанасьевна И.В., Волков И.В. Некторые подходы к определению понятия "Трудовые ресурсы" // Нижегородский государственный инженерно Экономический университет Россия. – Вестник НГИЭИ, 2015.- С.1

3. Белая Н.В. Особенности формирования и использования человеческого капитала в аграрном секторе экономики (на материалах Алтайского края):– Барнаул, 2015 – 191с.

4. Давлатов С.Н. Идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонишавии иқтисодӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) // дисс. ... номз. илм. иқт: 08.00.10 - Давлатов Сорбон Назримадович. – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2022. – 171саҳ.